# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз «25» 10 соли 2024 № 404/ш ш. Душанбе**

*Дар бораи азнавбақайдгирии маҷаллаи илмӣ дар Феҳристи маҷаллаҳои (нашриёҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Мутобиқи сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Маҷаллаи илмӣ-иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ISSN: 2307-5198) дар Феҳристи маҷаллаҳои (нашриёҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба қайд гирифта шавад.
2. Дар маҷаллаи мазкур нашри маводи илмӣ аз рӯйи самти илмҳои 12.00.00 - Илмҳои ҳуқуқшиносӣ (12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат; 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ; 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ; 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо ва 12.00. 14 - Ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ) иҷозат дода шавад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Ализода Ҳ.С.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия тадбирҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмии Комиссия Маъруфӣ Р.Н. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 октябри соли 2024, №11

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Раис Давлатзода С.Х.

НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ